«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
____________ Хайрзода Ш. Қ.
«____» ____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» оид ба дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ**

Дар тақризи муассисаи пешбар масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсияи илмии Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба шиносномаи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ мутобиқ мебошад.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқот:** Сабзаоткорӣ соҳаи муҳим буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми арзанда дорад. Парвариши зироатҳои сабзавотӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар минтақаҳои водигӣ, кӯҳӣ ва наздикӯҳи низ ба роҳ монда мешавад.

Яке аз зироатҳои серистеъмол барои сокинони ҷумҳурӣ пиёз ба ҳисоб меравад. Парвариши онро бештар дар минтақаҳои водигӣ ба роҳ мондаанд.

Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иқлими ба худ хос дошта, бо зимистони кӯтоҳу тобистони гарму хушк аз дигар минтақаҳои агроиқлимӣ фарқ менамояд. Ин минтақа аз гармӣ таъмин буда, ҳарорати ҳавои мусбати он (+10°С) ба 250-300 рӯз баробар мебошад. Арзу тӯли фарох ва шароити хоку иқлими минтақаи Кӯлоб хусусиятҳои хоси худро дошта, барои парвариши зироатҳои гармидӯсти кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳамчунин, ҳарорати нисбатан гарми ин минтақа боиси паҳншавии зироатҳои гуногун, аз он ҷумла зироатҳои ғалладонагию лӯбиёдонагӣ, зироатҳои техникию равғандиҳанда, ҳамчунин, сабзавоту дарахтони мевадиҳанда гардидаанд.

Хокҳои минтақаи Кӯлоб ба гурӯҳи хокҳои хокистарранг мансуб буда, миқдори гумуснокиашон дар ҳудуди то 1-1,5%-ро ташкил менамоянд ва ҳосилхезии ин гуна хокҳо дар сатҳи нисбатан паст қарор доранд. Дар ин вобастагӣ, омӯзиш ва таҳияи технологияи мувофиқи

парвариши зироатҳо бо истифодаи нуриҳои органикию минералӣ дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз муаллифи диссертатсия тасмим гирифтааст, ки дар оянда барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ, идома одани рушди соҳа, таъмини аҳолӣ бо сабзавоти тару тоза, таъмини корхонаҳои саноатӣ бо ашёи таҳҷоӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ аз лиҳози илмӣ мубрамии мавзуи диссертатсияро исбот менамояд.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд:** Қайд кардан ба маврид аст, ки дар гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодоте, ки дар диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифти бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» оварда шудаанд дар асоснок намудани истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши зироати бехпиёз нақши муҳим бозида, масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

Натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаҳои кафедраҳои растанипарварӣ, ботаника ва экологияи кишоварзӣ ва дар шурои олимони факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур муҳокима гардидааст. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба истеҳсолот асоснок карда шуда, ба маълумоти таҳлилӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки дараҷаи эътимоднокии онҳо бо коркарди оморӣ бо истифода аз барномаи компютерии Microsof Exsel собит шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқоти илмӣ асос ёфта, натиҷаи онҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда таъйид шудаанд.

Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти афзалиятноки тадқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла:

- Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658);
- Барномаҳои корҳои илмию тадқиқотии факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур "Такмилдиҳии технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ (рақами бақайдгирии давлатӣ 01011ТД068) барои солҳои 2015-2020".

**4. Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда:** Навгонии илмии кори мазкур дар асоснок намудани таъсири нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ ба реҷаи сатҳи онҳо дар хок, нашъунамои навъҳои пиёзи зудпази бехӣ ба монанди «Ҳисорӣ», «Испанӣ-313», ҳамчунин, ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳоро дар шароити минтақаи Кӯлоб асоснок намудааст.Корҳои илмӣ-тадқиқотии гузаронидаи Кулиев Қ.Ҳ. ва

таҳлилу баррасии натиҷаҳои тадқиқотҳои он саҳеҳии кори диссертатсиониро собит месозад.

**5. Аҳаммияти назариявӣ ва илмиву амалии таҳқиқот:** Аҳаммияти назариявӣ, илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия нуктаҳои муҳимро дар бар гирифта, дар асоси гузаронидани таҳқиқот дар шароити заминҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон оид ба парвариши бехпиёз бо истифодаи нуриҳои минералӣ ҳосили баланду хушсифати навъҳои «Ҳисорӣ», ва «Испанӣ-313»-ро ба даст овардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми истифодаи нуриҳои минералӣ нишон дод, ки ҳосилнокии бехпиёзро аз ҳар як гектар 45-60 тонна дар амал татбиқ карда шуд. Тадбиқи пурраи натиҷаҳои илмии ба даст омада дар истеҳсолот метавонад ба сатҳи иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро метвонанд хоҷагидорон, унвонҷӯёну магистрантон истифода намоянд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқ.** Муаллиф тадқиқотҳои саҳроиву озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаҷро тавассути муайян намудани меъёрҳои оптималии истифодаи нуриҳои органикиву маъданӣ ва таъсири онҳо ба ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулоти навъҳои нави бехпиёз равона гардида, дар асоси дастури таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] амалӣ намудааст.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот ҳамчун қисми асосии раванди илмӣ, нақши муҳим ва боэътимод дорад. Иштироки бевосита дар ҷамъоварӣ ва коркарди маводи воқеӣ ва маълумоти зарурӣ саҳми муаллиф бештар аст, ки барои таъмини дақиқии натиҷаҳо анҷом додааст.

Дар маҷмӯъ, саҳми шахсии муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба эътимоднокии натиҷаҳо, амиқии таҳқиқот ва арзиши илмии он таъсири амиқ расонидааст, ки он метавонад ҳамчун намунаи хуби кор ва масъулиятшиносӣ дар таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Саҳми иштироки бевоситаи муаллиф дар таҳқиқот 85%-ро ташкил медиҳад.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳо:** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 интишороти илмии муаллиф инъикос ёфта, аз он ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда нашр шудаанд.

Интишороти мазкур, на танҳо нишондиҳандаи самаранокии таҳқиқот, балки эътимоднокии натиҷаҳои ба даст овардашударо дар соҳаи илмӣ ва амалии марбут ба мавзуи диссертатсия ифода менамоянд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Бехпиёз дар байни зироатҳои сабзавотӣ яке аз зироатҳои муҳим ва арзишноки соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Солҳои охир масъалаи зиёд намудани истеҳсоли бехпиёз ва таъмини аҳолӣ ба ин маҳсулот масъалаи рӯзмарра ҳисобида мешавад. Баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати он пеш аз ҳама ба интихоби навъҳои пурмаҳсул, технологияи дурусти парвариш бо истифодаи нуриҳои органикиву маъданӣ вобаста мебошад.

Бинобар ин, ҳадафи асосии рисолаи мазкур ва мазмуну муҳтавои он ба омӯзиши муҳлати кишт, илман асоснок намудани истифодаи нуриҳои органикиву маъданӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва нигоҳдории сифати маҳсулоти навъҳои бехпиёз дар сардхона дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон равона гардидааст.

Матни диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо ба истеҳсолот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Он дар ҳаҷми 150 саҳифаи чопи компютерӣ бо риояи талаботи умумӣ тартиб дода шуда, натиҷаи таҳқиқот дар 31 ҷадвал, 9 диаграмма ва рӯйхати адабиёт дар 279 номгӯй баён гардидааст.

Дар муқаддима маълумот оид ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, сатҳи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навгониҳо ва дигар зерҷузъҳо муфассал баён шудаанд. Омӯзиши таъсири истифодаи нуриҳои минералӣ ва илман асоснок намудани истифодаи меъёри онҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулоти навъҳои бехпиёз дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бори нахуст аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, ки моҳияти илмиву амалӣ доранд.

**Боби 1 «Шарҳи адабиёт»**-ро дар бар мегирад, ба 3 зербоб ҷудо карда шуда, оид ба аҳаммияти бехпиёз ва ҳудуди паҳншавии он, хусусиятҳои агрокимиёвии хок вобаста аз истифодаи нуриҳои маъданӣ, таъсири нуриҳои маъданӣ ба ташаккулёбӣ, ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёзро ҷойгир намудааст. Дар қисматҳои зикргардида натиҷаи баъзе таҳқиқиқоти илмии олимони мамолики гуногунро дар бораи бехпиёз ва парвариши он дар бар мегирад. Ин боб дар ҳаҷми 21 саҳифа навишта шуда, ҳамчун асоси заминавӣ барои иҷрои таҷрибаҳои амалӣ оид ба парвариши бехпиёз ба таҷрибаҳои амалии муаллиф алоқаманд мебошад.

**Боби 2**-юми диссертатсия дар бораи **«Шароит, усул ва макони гузаронидани таҳқиқот»** мебошад. Боби дуюм низ аз чор зербоб иборат буда, зербоби якум оид ба шароити хокию иқлим, зербоби дуюм оид ба

усулҳои амалигардонии таҳқиқот, зербоби сеюм дар бораи тавсифи навъҳои омӯхташуда, зербоби чрум дар бораи шароити агротехникии амалигардонии тачрибаҳо маълумот дода шудааст. Дар қисмати усулҳои амалигардонии таҳқиқот интихоби навъҳои зироати пиёз ва нақшаи тачрибаҳои илмӣ бо вариантҳои таҳқиқот ҷойгир шудаанд.

Ба сифати объекти таҳқиқот навъҳои «Испанӣ-313» ва «Ҳисорӣ» истифода шудаанд. Истифодаи навъҳоро дар ду тачрибаи саҳроӣ бо таъсири нуриҳо омӯхтааст:

1. Дар тачрибаи 1-ум дар кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ самаранокии истифодаи нуриҳои минералиро тибқи вариантҳои зерин истифода намудааст:

1. Назоратӣ (бе нурӣ)
2. $P_{60}$ $K_{60}$
3. $N_{120}$ $P_{60}$ $K_{60}$
4. $N_{180}$ $P_{90}$ $K_{60}$
5. $N_{240}$ $P_{120}$ $K_{90}$

2. Дар тачрибаи 2-юм вариантҳои зерини истифодаи нуриҳоро ҷойгир намудааст:

1. Назоратӣ (бе нурӣ)
2. 10 т/га нурии органикӣ (Фон-1)
3. Фон-1+$N_{60}$ $P_{40}$ $K_{30}$
4. Фон-1+$N_{120}$ $P_{80}$ $K_{60}$
5. 20 т/га нурии органикӣ (Фон-2)
6. Фон-2+$N_{60}$ $P_{40}$ $K_{30}$
7. Фон-2+$N_{120}$ $P_{90}$ $K_{60}$
8. 30 т/га нурии органикӣ (Фон-3)
9. Фон-3+$N_{60}$ $P_{40}$ $K_{30}$
10. Фон-3+$N_{120}$ $P_{90}$ $K_{60}$

Дар боби 2-юми диссертатсия 2 ҷадвалу 2 диаграмма ҷойгир карда шудааст, ки дар онҳо оид ба нишондодҳои ҳарорату боришот ва тавсифи агрохимиявии хоки қитъаи тачрибавӣ маълумоти зарурӣ ҷойгир карда шудаанд.

**Боби 3**-юм дар бораи **«Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба нашъунамо ва ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз истифодаи нуриҳои маъданӣ»** мебошад. Он ба 5 зербоб ҷудо карда шуда, оид ба давраи тараққиёт ва нашъунамои бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои маъданӣ, таъсири муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои маъданӣ ба нишондодҳои биометрии зироати бехпиёз, маҳсулнокии бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва меъёри гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ, таркиби биохимиявии бехпиёз вобаста аз меъёри истифодаи нуриҳои маъданӣ, таъсири меъёрҳои нуриҳои минералӣ ба баромади сифати молӣ

ва талафёбии бехпиёз дар вақти нигоҳдорӣ дар сардхона маълумоти муҳим дарҷ гардидаанд.

Дар ин қисмат оид ба давомнокии давраи нашъунамои навъҳои пиёз, давомнокии фосилаи байни давраҳои инкишофи навъҳои пиёз вобаста ба муҳлати кишт ва меъёри истифодаи нурӣ маълумоти зарурӣ ҷойгир карда шудааст.

**Боби 4-ум** дар бораи **«Ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз таъсири истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ»** мебошад. Он ба зербобҳои алоҳида ҷудо шуда, оид ба таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба тараққиёт ва нашъунамои бехпиёз, таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба нишондодҳои биометрии сохтори ҳосили зироати бехпиёз, ҳосилнокии зироати бехпиёз вобаста аз таъсири истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ, таъсири меъёрҳои гуногуни нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба таркиби химиявии бехпиёз, баромади сифати молӣ ва талафёбии бехпиёз дар анборхона вобаста аз таъсири нуриҳои органикӣ ва минералӣ оварда шудааст. Дар ин қисмати диссертатсия 9 ҷадвалу 2 диаграмма ҷойгир буда, дар онҳо оид ба санаҳои фарорасии давраҳои нашъунамои бехпиёзи навъи Ҳисорӣ вобаста ба меъёри истифодаи нуриҳои органикӣ ва минералӣ, давомнокии фосилаи байни давраҳои нашъунамои бехпиёз, таъсири истифодаи нуриҳои органикӣ ва минералӣ ба нишондодҳои биометрии сохтори ҳосили зироати бехпиёзи навъи Ҳисорӣ, ҷараёни тағйирёбии фоизнокии моддаи хушки бехпиёз ва таъсири нуриҳои органикию минералӣ ба ҳосилнокии бехпиёзи навъи Ҳисорӣ маълумоти зарурӣ дарҷ гардидаанд.

Муаллиф нишон додааст, ки вобаста ба истифодаи нуриҳо ҳосилнокии бехпиёз баланд гардида, ҳангоми истифодаи 30 т/га пору ва $N_{120}$ $P_{80}$ $K_{60}$ ҳосилнокии пиёз ба 49,6 т/га баробар гардидааст, ки нисбати варианти бе нурӣ ҳосилнокӣ 27,3 т/га зиёд мебошад.

Қисмати дигар ин боб дар бораи «Самаранокии иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба таъсири меъёрҳои нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокии бехпиёз» мебошад Муаллиф нишон додааст, ки дар байни вариантҳои омӯзишӣ, самаранокии аз ҳама баланди иқтисодии парвариши бехпиёз дар вақти якҷоя истифода намудани 30 т/га пору бо $N_{120}$ $P_{80}$ $K_{60}$ ба даст оварда шудааст. Дар ин ҳолат даромади софи бехпиёз ба 60257 сомонӣ, сатҳи даромаднокӣ ба 154,7% ва арзиши аслии як сентнер маҳсулот ба 39,3 сомонӣ баробар шудааст.

**Боби 5-ум оид ба "Баррасии натиҷаҳои тадқиқот"** мебошад, ки дар он муаллиф баъзе аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ ва дигар олимонро ҷойгир намудааст. Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон муайян карда шудааст, ки навъҳои минтақабобгардидаи "Ҳисорӣ" ва "Испанӣ-313" дар охири моҳи феврал

ва аввали баҳор кишт карда шавад. Ҳамчунин, барои рӯёнидани ҳосили баланди бехпиёз то 45-60 т/га бехпиёзи навъҳои “Ҳисорӣ” ва “Испенӣ-313” бо истифодаи нуриҳо $N_{240}P_{120}K_{90}$ тавсия намудааст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба таври зерин арзёбӣ намуд:

1) Мавзуи диссертатсия ба масъалаҳои муҳимми стратегӣ “Таъмини амнияти озуқаворӣ” равона шудааст.

2) Дар диссертатсия натиҷаҳои амиқ ва воқеӣ пешниҳод карда шудааст, ки шомили таҳлили дақиқи маълумот ва хулосабарорӣ асосноканд.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич ба ихтисоси илмии 6D080902-Сабзавотпарварӣ мувофиқат мекунад.

Тадқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад ва ҳақиқатан кори илмии мукаммали ба анҷомрасида буда, аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад. Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаҳои муҳимми илмӣ ва арзишноки назарияивиро инъикос менамояд.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди моҳияти илмиву амалӣ ва навгониву таҳқиқоти муҳим дар диссертатсия якчанд камбудиву норасогиҳо ба назар мерасанд, ки инҳоянд:

1. Номи диссертатсия омӯзиши таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз аст, лекин мақсади тадқиқот аз “Омӯзиши муҳлати кишт” оғоз меёбад. Дар вазифаҳои тадқиқот низ омӯзиши муҳлати кишт дида намешавад.
2. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (саҳифа 9) тавзеҳ нашудааст.
3. Дар “Шарҳи адабиёт” номи муаллифон дар охири ҷумлаҳо бе алоқамандгардонӣ ё қавсайн оварда шудааст, ки мантиқи ҷумларо коста мегардонад. Ҳамчунин, дар ҳамин қисмати диссертатсия (саҳифаи 13) оварда шудааст, ки айни замон 400 намуди бехпиёзи киштшаванда ба ҳисоб гирифта шудааст, ки 200 намуди он дар Итииҳоди давлатҳои мустақил нашъунамо меёбанд. Ин маълумоти солҳои пеш мебошад. Тибқи маълумоти олимон айни замон беш аз 500 намуди бехпиёз маълум буда, дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил 230 намуд ба қайд гирифта шудааст. Дар саҳифаи 14-и ҳамин боб оварда шудааст: ...бехпиёз зиёда аз

600 сол пеш маълум буд, ки ин ғалат мебошад. Пиёз ба қатори зироатҳое дохил мешавад, ки зиёда аз 4-5 ҳазор сол пеш кишт карда мешуд.

4. Дар варианти таҷрибаҳои саҳрои ва ҷадвалҳои боби 4 Фон-1, Фон-2, Фон-3 оварда шудааст, лекин дар матн шарҳ дода нашудааст. Ҳамчунин, дар ҳамин қисмат (саҳифаи 39), дар таҷрибаҳои саҳрои муҳлати кишти пиёз ба таври умумӣ оварда шудааст, санаи кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ нишон дода нашудааст.

5. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (масалан, дар саҳифаи 41) ҳарорати нигоҳдории пиёз -1 ва +40 $^0$С, ҳамчунин, корбурди нодурусти гузоштани аломатҳои китобатӣ ва услуби калимаҳо, риоя нагардидани мавқеи аломати вергул ба назар мерасанд.

6. Дар боби 3, маълумотҳои ҷадвали 3.1.3. (саҳифаи 54) бо маълумотҳои диаграммаи 3.1.1. (саҳифаи 55) якхела мебошанд, хуб мешуд, ки яке аз онҳоро дар диссертатсия ҷойгир мекард.

7. Хулосаҳо зиёданд (12 банд) онҳоро то 8 то ихтисор кардан мумкин буд.

8. Тавсияҳо ба истеҳсолот хусусияти фармоишӣ дошта, иҷрои ҳатмиро талаб мекунанд. Дар ин баробар намуди нуриҳо ва меъёри истифодаи онҳо бо туки шартӣ бояд оварда мешуд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**: Натиҷаи ниҳоии таҳлили диссертатсия ба он водор менамояд, ки мавзуи интихобгардида ва мақсаду вазифаҳои гузошташуда моҳияти илмиву амалӣ ва иқтисодиро доранд. Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба он мувофиқат намуда, ороишоти он мувофиқи талабот иҷро гардидааст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ аст. Камбудию норасоиҳои баёншуда моҳияти илмиву амалии кори анҷомдодашударо коста намегардонанд. Аз ин рӯ, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби муаллими калони кафедраи агротехнология, номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ Саидов Фахриддин Муминович омода шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи Шурои олимони факултети аграрӣ ва амнияти озуқавории Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 6, аз 22. 01.2026.)

Дар ҷаласаи Шурои олимон иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: **тарафдор** - 17 нафар, **зид** – 0 нест, **бетараф** – 0 нест.

**Раиси ҷаласаи Шурои олимон:**
номзади илмҳои кишоварзӣ, декани
факултети аграрӣ ва амнияти озуқавории
Донишгоҳи давлатии Данғара Шарифзода Ҷ.Ш.

**Эксперт:**
Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ, муаллими
калони кафедраи агротхнологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Саидов Ф.М.

**Котиби илмии ҷаласаи Шурои олимони факултет**
номзади илмҳои кишоварзӣ, муаллими калони
кафедраи агротехнология Сафарализода С.С.

Имзои Шарифзода Ҷ.Ш., Саидов Ф.М.
ва Сафарализода С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Тоирзода С.Т.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара,
кӯчаи Марказӣ, 25.
Тел.:83312-22806
E-mail: info.dsu2013@gmail.com
E-mail: dddangara2013@gmail.com

22-юми январи соли 2026